Методология. Дар ҷараёни тадқиқот усулҳои таҳлили муқоисавӣ, баҳогузории коршиносӣ ва ғайра мавриди истифода қарор гирифтанд. Тибқи усули эмперикӣ амалҳои мушоҳида, тавзеҳот, суҳбат ва таҷриба иҷро гардиданд. Махсусан мушоҳидаи таълимоти олимони соҳа, суҳбатҳо бо соҳибкорону соҳибмансабон ва мутахассисон, шарҳи онхо равандҳои иқтисодӣ, муқоисаи рақамҳо мутобиқи маҷмуахои оморӣ барои таҳлили мавзуъ бештар мусоидат намуданд.

Натиҷаҳо. Масъалаҳои таъсири танзиму такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, пешрафти илму техника, вусъати корбурди усулҳои маркетингии фаъолияти субъектҳои хоҷагидор муайян карда шуда, роҳҳои таъмини рушди устувор тавассути иштироки соҳибкорон нишон дода шудаанд. Бахусус ба истифодаи самараноки маркетплейсҳо, фурӯши электронии масолеҳи сохтмонӣ, қисмҳои эҳтиётӣ, маводи хӯрока дар дохили мамлакат ва хориҷ аз он таваҷҷух зоҳир гардида, вусъати истифодаи технологияҳои иттилоотӣ бо роҳи онлайн, мубодилаи маълумот аз ҷониби субъектҳои сершумори хориҷӣ арзёбӣ гардидаанд.

Стратегия ҳамчун роҳи дақиқ муайяншуда лар пешбурди сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ аамияти калон дорад. Масъалахои беҳтар ташкил намудани фаъолияти соҳибкорон, истифодаи таҷрибаи пешқадам, иҷрои ҳуҷҷатҳои директивии Ҳукумати Ҷукумати Чумҳурии Тоҷикистон матраҳ гардидаанд.

Ҳарчанд соҳибкорӣ таърихи антиқиву қадима дорад [16], он аз нигоҳи илмӣ дар асри 18 номгузорӣ ва асоснок гардидааст. Дар ин иртибот, истилоҳи мазкур аввалин маротиба тавассути муҳаққиқ Р. Кантилон мавриди истифода қарор гирифт [15]. Вай дар ҷараёни тадқиқоти амиқ ва пурмуҳтаво ба хулосаи ниҳоӣ омад, ки тибқи маъмул дар ҷомеа шахсоне, ҳастанд, ки онҳо аз субъектҳои маъмулии иқтисодӣ фарқ мекунанд, яъне бештар дар муҳити бозор фаъолияташонро мустақилона ва самарабахштар анҷом медиҳад. Ҳангоми иҷрои тиҷорат ба соҳибкорон нархи хариди маҳсулот маълум буда, вале нархи фурӯш то лаҳзаи аз ҷониби истеъмолкунандагон харидани маҳсулот номаълум ва пешгӯинашаванда боқӣ мемонад ва аз ин лиҳоз, то чӣ дараҷа манфиатнок будани фарқияти маблағ ва даромад комилан пешбининашаванда мебошад. Яъне дар ин ҷо мавҷудияти бар асари ҳар гуна омилҳои дохилию хориҷӣ, тағйир ёфтани шарту шароит, хатарҳои зарар дидан, комёб нагаштан, муфлис гардидан вуҷуд дорад, ки дар тиҷоратӣ воқеӣ мушкилоти зиёде садди роҳ гашта метавонанд. Дар чунин ҳолати номусоиду носозгор вазифаи соҳибкор аз он иборат

аст, ки ҷиҳати бартараф сохтани монеаҳо ва ҳалли дурусти муаммоҳои пайдошуда амали муносибу оқилонаро анҷом дода, муомилоти ниҳоиро ба нафъи хеш ҷамъбаст намояд.

Тибқи ақидаи Р. Кантилон соҳибкор капиталист набуда, балки субъекти фаъол мебошад. [2]. Дар таҳқиқоти К. Маркс бошад, соҳибкор дар иқтисодиёт субъекти чандон фаъол ва корофар тавсиф нашудааст [15]. Аз навиштаҳои зикршуда чунин хулоса баровардан мумкин аст: фикру ақидаи олимон оид фаъолияти соҳибкорон ва таъсири онҳо ба пешрафти ҷомеа аз ҳамдигар фарқ мекунад, вале дар аксари мавридҳо дар раванди ислоҳоти иқтисодию сиёсӣ соҳибкорон ҳамчун субъекти фаъолу эҷодкор номбар шудаанд [5].

Асосгузори иқтисоди сиёсии классикӣ Адам Смит доир ба ин масъала назари хосаи худро дошт. Мутобиқи ақидаи вай соҳибкорӣ ҳамчун унсури табиие мебошад, ки ба муносибатҳои бозорӣ алоқаи мустақим ва ногусастанӣ дорад. Соҳибкор ҳамчун субъекти ташаббускори иқтисодиёт ва соҳиби сармоя истеҳсолотро вусъат мебахшад. Олим чунин мешуморад, ки дар зеҳни соҳибкор фақат манфиати худаш ҷой дорад, ки тавассути "дасти ноаён" ӯро ба самти ҳадафнок ва даромаднок ҳидоят менамояд. Маҳз чунин корофарӣ ва ташаббускорию ояндабинӣ ба соҳибкор имконият медиҳад, ки вай нисбати дигарон даромади бештар ба даст оварда, ҳатто дар ҳолатҳои душвортарин дар самти муайян ба комёбиҳои назаррас ноил гардад [2].

Бояд зикр намуд, ки дар масъалаи мазкур олимони дигар низ изҳори назар намудаанд. Муҳаққиқи фаронсавӣ Ж. Б. Сей бештар ба ҷанбаҳои истеҳсоливу амалӣ эътибор додааст. Ин бесабаб нест, чунки Ж. Сей худаш соҳибкор буду дармаду хароҷотро дар тарозуи мушоҳидаву пажӯҳиш ҳамаҷониюа бармекаштд ва ҷанбаҳои амаливу назариявиро дар асоси таҷрибаи корӣ муқоиса ва арзёбӣ менамуд. Аз рӯйи ақидаи вай, соҳибкор дар давраи ҷараёнёбии муносибатҳои бозорӣ симои ба асосӣ таюдил ёёта, фаъолияти одамонро ба самти манфиатдошта равон менамояд.

Дар таърихи соҳибкорӣ асри XX давраи хеле муҳим ва пурнатиҷа ба ҳисоб меравад, зеро инқилоби илмию техникӣ ва ихтирооту навгониҳои беназир муносибатҳои истеҳсолиро чунин печида ва мубрам гардонида буданд, ки барои баҳодиҳии онҳо олимон маҷбур шуданд, ки таҳқиқоти бунёдӣ ва гуногунсамта анҷом диҳанд. Аз ҳама бештар, дар бораи соҳибкорӣ пажӯҳишҳои муҳаққиқи машҳур Й. Шумпетер ҷолиби диққат ва аз ҷиҳати илмӣ таҳкиқу асоснокшуда ба назар мерасад. Вай корофарро қувваи пешбарандаи ба инноватсияю хоҷагидорӣ такякунанда медонист. Хизмати олим дар он зоҳир мегардад, ки вай ҳиссаи соҳибкорро дар давраи тағйироти бузурги технологияҳои замонавии камасраф ва пурмаҳсул арзёбӣ карда тавонист. Дар натиҷа, вай илова ба се омили пештараи истеҳсолӣ, боз як омили дигар, яъне соҳибкориро илова карда, аҳамияти онро махсусан қайд намуд. Дар назарияи муҳаққиқ, маҳз инсони дорои сармояи пуразриши корӣ ва маҳорати баланди касбӣ дарки масъулияти баланд ва натиҷагирӣ аз таҷриба гузашта метавонад вазъи иқтисодро ба таври куллӣ тағйир диҳад, ва фосилаи фарқияти технологии кишварҳои алоҳидаро то сатҳи тасаввурнашаванда муайян кунад. Соҳибкор дар ҷомеа масъулияти ниҳоят бузург дошта, дар натиҷаи фаъолияти банақшагирӣ ва пайгирии бонизом маҳсулоти наву бозоргир истеҳсол намуда, дар натиҷаи ихтироот ва истифодаи навгониҳо корҳоро дар сатҳи зарурӣ анҷом медиҳад.

Соҳиби зеҳну маҳорат ва дониши махсуси касбӣ будани соҳибкорро олими фаронсавӣ Д. Бодо низ зикр кардааст. Муаллиф таъкид намудааст, ки соҳибкор масъулияти ниҳоят бузург дошта, фаъолиятҳои банақшагириро дар сатҳи намунавӣ анҷом медиҳад ва на ҳар кас дорои чунин қобилияти мусбат буда метавонад.

Олимони забоншинос низ кӯшиш ба харҷ додаанд, ки истилоҳи ёдрасшударо мутобиқи фаҳмиши худ тавзеҳ диҳанд. Масалан, дар фарҳанги С.И. Ожегов шарҳи зеринро хондан мумкин аст: "соҳибкор – капиталист, соҳиби корхона мебошад" [9]. Ин тафсири хеле содаву мухтасар ва умумӣ ҷанбаҳои фарқкунандаи фаъолияти соҳибкориро аз нигоҳи иқтисодӣ ва ба таври муфассал фаро нагирифтааст ва барои доираи васеи хонандагон пешбинӣ шудааст. Дар фарҳанги В.И Брунова низ тафсироте мавҷуд аст, ки он пайдоиши соҳибкориро ба давраи феодалӣ мансуб медонад [17]. Ин, албатта, амали табиист, зеро ки истилоҳоти касбӣ танҳо дар асарҳои тадқиқотию таҳлилӣ ба таври муфассал шарҳу эзоҳ дода мешаванд, вале дар фарҳангҳо барои тафсири касбӣ имкониятҳо маҳдуд мебошанд.

Иддае аз муаррихон ақида доранд, ки аломатҳои соҳибкорӣ дар тӯли даҳҳо ҳазорсолаҳо дар империяҳои бузурги Рум, Хиой, Эрон ва ғайра ба назар мерасиданд. Мо низ тарафдори чунин ақида ҳастем, чунки ҳангоми пайдо шудани амалҳои мақсаднок фарқияти маҳорати касбии одамон ба назар равшан зоҳир мегардад ва маҳз ҳамон ашхосе, ки корҳоро бо ҳунари воло анҷом медоданд, соҳиби обрӯву эътибор мегардиданд ва ба одамони дигар роҳҳои муносиби корбарию коричрокуниро меомӯзониданд.

Тадриҷан, бо пешрафти илму техникаи муосир, мардум аввал осиёби обиву бодӣ сохтанд, сипас механизмҳои заруриро истеҳсол нарда, бо истифодаи онҳо неруи барқ офариданд, ки ин ибтикорот дар таърихи инсоният инқилобе ба вуҷуд овард, ҳамзамон, дар заминаи ҷараёни мазкур кластерҳои мухталиф ба зуҳур ёфтанд: таҷҳизоти равшанидиҳанда, истеҳсолкунандаи масолеҳи сохтмонӣ, механизмҳои гарму хунуккунанда пайдо шуданд.

Дар замонҳои қадим дар Тоҷикистон низ масолеҳи бинокории хушсифат сохта машуданд. Дар оташдонҳои пурҳарорат хиштҳои сифаташон баланд ва ба таъсироти муҳити атроф ва боду борон тобовар истеҳсол мегардиданд. Порчаҳои сафолпораҳо ва токҳои чӯбини рангини қадимаи дар Саразми Панҷекент, Ҳулбук, деҳаи Ховалинги вилояти Хатлон ва деҳаи Искодари вилояти Суғд пайдошуда дар ин бора гувоҳӣ медиҳанд. Дар бисёр кишварҳо биноҳои зиёде ҳастанд, ки масолеҳи онҳо тавассути косибони тоҷик истеҳсол шуда, бо корвонҳои пурбор ба маҳали сохтмон интиқол дода шудаанд. Дар аксари ҳолатҳо устоҳоро ба мавзеи иншооти бунёдшаванда сафарбар карданд ва онҳо бо тахайюлоти бадеӣ Тоҷмаҳал барин муъҷизаи оламро бунёд намуданд, ки то имрӯз ҳамчун осори арзишманди сатҳи ҷаҳонӣ ахамияти худро аз даст надодааст.

Як заминаи дигари такомули фаъолияти соҳибкорӣ ба ташкилшавии шаҳракҳо, шаҳрҳои саноатӣ ва бандарҳои соҳили баҳру дарёҳо мебошад. Чунин мавзеҳо дар роҳҳои мухталифи корвонгузар, иншоотҳои сараҳолӣ ва маҳалҳои тиҷоратӣ ҷой гирифта буданд. Дар атрофи шаҳрҳои бузург нуқтаҳои савдо ва устохонаҳои косибӣ мавқеият пайдо карданд. Таҷҳизоту асбобҳои тозаэҷоди мутахассисони баландихтисос ва молҳо хушсифату диққат ҷалбкугнанда барои соҳибкорон ҳамчун мавзӯи омӯзиш ва воситаи асосии такмили маҳорати касбӣ хизмат мекарданд.

Дар Тоҷикистон косибон бештар дар растаҳо ба фаъолият машғул будан ва онҳо мутобиқи касб дар кӯчаҳои алоҳида кор мекарданд. Растаҳои оҳангарон, кулолгарон, саррофон, шоҳифурӯшн, қошуқтаро- шон, қассобхонахо ба мавзеи хариди муштариён табдил ёфтанд. Чунин растаҳо то ҳол дар шаҳрҳои қадимии Тоҷикистон Панҷекент, Хуҷанд, Истаравшан ва ғайра боқӣ монданд.

Дар таърихи инсоният кашфи оҳан аз ҷумлаи бозёфтҳои нодир ба ҳисоб меравад. Ин кашфиётро империяҳои бузург барои истеҳсоли яроқу аслиҳа ва пирӯз гаштан ба душманони мамлакат истифода мебурданд. Дар ин баробари ин, онҳо ҳангоми бунёди иншоотҳо оҳанро ҳамчун маводи сохтмонӣ мавриди истифода қарор медоданд. Чӣ тавре дар китоби безаволи “Тоҷикон” қайд гардидааст, дар кишварҳои Осиёи Миёна маъдани оҳан нисбати Чин чандин аср муқаддамтар кашф гардидааст. Дар ин бора кӯраҳои оҳангудозии дар ноҳияи Ванҷи Вилояти Мухтори Бадахшони Кӯҳӣ бозёфтошуда гувоҳӣ медиҳанд [3, 66, 67]. Аз ин лиҳоз, фаъолияти оҳангарон ба иқдомоти соҳибкорон монандӣ дорад.

Бунёди иншоотҳои гугогун, аз қабили дастгоҳҳои табъу нашр ва ғайра торафт дар ҳаёти одамон мавқеи асосӣ пайдо менамуданд, соҳибкорон бошанд, барои пурра гардонидани иқтидории истеҳсолии онҳо аз роҳу усулҳои гуногун истифода мебурданд.

Воқеаи дигаре, ки тарзу усули тиҷорати дохиливу хориҷиро дигаргун сохт, ин пайдоиши пул мебошад, ки суръати хариду фурӯши молҳоро ба таври диданашаванда тезонид ва минбаъд дар амалияи тиҷоратӣ маърӯфияти боз ҳам бештар пайдо кард. Дар ин раванд, мардуме, ки ба тиҷорат машғул буданд, дар шаҳрҳои мухталиф молҳои рӯзгор, ашё ва асбобу анҷоми заруриро сари вақт дарёфт намуда, ба шарикони худ тарзу тариқаи истеҳсол намудани маводи серхаридор ва баланд бардоштани сатҳи хизматрасониро меомӯзониданд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки соҳибкорони ҳозира кӯшиш менамоянд, ки дар намоишгоҳҳо дастовардҳои худро ҷойгир намуда, ба меҳмонону харидорон пешниҳод намоянд ва тавассути Интернет онҳоро ба тамоми кишварҳо паҳн кунанд. Ширкати “Алӣ Бобо”-и Чумҳурии Мардумии Хитой аз ҳамин усулҳои корбарӣ самаранок истифода мебарад. Масалан, дар як бахши ширкат, ки дар шаҳри Пекин ҷой гирифтааст, дучархае, ки обро ҳамчун сӯзишворӣ истифода мебарад ва асбоби бо нур тозакунадаи доғҳои либос ба намоиш гузошта шуда буданд. Механизмҳои мазкурро ҳамаи сайёҳон ва соҳибкорони дохилию хоричӣ тамошо мекунанд ва ғояҳои инноватсионии ширкати мазкурро бо шавқу рағбати бузург меомӯзанд. Маҳз дар асоси чунин навгониҳо Хитой тавонист, ки электромобилҳои арзон ва ба рақоба тобовар истеҳсол карда, бозори фурӯши нақлиёти бо сӯзишвории анъанавӣ коркунандаро касод гардонидад. Дар шароити муосир зарур аст, ки соҳибкорони мо низ ба усулҳои корбарии хитоиҳоро пайравӣ намуда, аз онҳо тартиби брендофариро пурра омӯзанд ва ҳамкориро дар ин самти ояндадор идома диҳанд.

Мавриди зикр аст, ки нишонаҳои соҳибкорӣ на танҳо дар бунёди иншоотҳо ва ихтирои таҷҳизот дида мешуданд, балки дар ташкили низоми корбарии идоравии давлатҳои алоҳида низ вусъат пайдо карда буданд. Барои мисол низоми ҳисобкунии Л. Пачолиро овардан мумкин аст. Ин мутахассиси варзида тавассути низоми ҳисобкунии ихтироъкардааш, ки «баҳисобгирии дутарафа»

ном дорад, дар байни кормандони соҳа шуҳрати ҷахонӣ пайдо намуд. Низоми мазкур тарзи ҳисобу китоб, санҷиши маблағҳо ташкили назорат, масолеҳи сохтмонии сарфшударо ва ғайраро хеле осон гардонид.

Истифодаи фулузоти қиматбаҳо дар замонҳои қадим маъмул аст. Дар байни олимони иқтисодшинос махсусан намояндагони мактаби меркантализ захира намудани тиллову нуқраро ҳамчун афзалияти асосии кишварҳо арзёбӣ намуданд. Бинобар ҳамин, давлатҳо бештар ба фурӯши маҳсулоти рақобаттавон машғул шуда, сарвати худро аз ҳисоби тилло ва нуқра пурра менамуданд. Ба ақидаи онҳо давлат бояд сиёсати ғанӣ гардонидани хазинаи асъории кишварро пеш барад. Вале иқтисоддони шотландӣ А. Смит нисбати боигарӣ ва сарватҳо ақидаи махсуси худро дошт. Вай роҳи самарабахши ба даст овардани даромадро аз рушди соҳибкорӣ медид ва ҳамин даромадро ҳамчун ангезаи рушди рақобат ва пешрафти ҷамъият арзёбӣ мекард (5). Дар ин самт пайравони зиёду пайдо шуданд ва яке аз онҳо Р. Хейлбронер ба ҳисоб мерафт, ки дар асарҳояш аз ҳама бештар ба ташкил ва такмили рақобати озод таваҷҷуҳ менамуд.

Мавриди зикр аст, ки дар баробари муҳаққиқони хориҷӣ олимони тоҷик низ дар мавзӯи соҳибкорӣ таҳқиқот гузаронида, дар асарҳои илмӣ ва мақолаҳои алоҳида оид ба он фикру мулоҳизаҳои худро баён намудаанд. Агар, ин муносибат, аз як ҷиҳат, рӯзмарра будан ва хусусиятҳои баҳсталаб доштани масъалаи мазкурро нишон диҳад, аз ҷониби дигар, раванди ба тадқиқоти илмӣ ҳар чи бештар ва ҷиддитар ҳамроҳ гардидани муҳаққиқони собиқадори моро инъикос менамояд.

Тавзеҳоти профессори Донишгоҳи славянии Россияю Тоҷикистон Комилов С. Ҷ. ҷолиби диққат аст: «Соҳибкорӣ ин ташкили фаъолияти иқтисодии шахсест, ки ба гирифтани фоида нигаронида шудааст ва ҳамчун як раванди динамикии қобилияти соҳибкорӣ мебошад, ки онро метавон ҳамчун яке аз захираҳои иқтисодие муайян кард, ки ба суръати рушди иқтисодӣ, инноватсия ва фаъолияти сармоягузорӣ таъсир мерасонад» - навиштааст муҳаққиқи соҳаи иқтисод (7.). Дар ин тафсир ба соҳибкорӣ ҳамчун захираи муҳими рушди иқтисод, инноватсия ва фаъолияти сармоягузории таъсиррасон баҳо дода шудааст.

Мулоҳизаи профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Низомова Т.Д. дар ин бобат ба тариқи зайл аст: «Соҳибкориро метавон ҳамчун фаъолияти инноватсионӣ, ҳамчун тарзи махсуси инноватсионии истеҳсолот, шакли мукаммали фаъолияти ташкилию иқтисодии субъектҳои мустақил тавсиф кард” [8]. Дар ин тавзеҳот тарзи махсуси инноватсионии истеҳсолӣ будан ва шакли муайяни ташкилию иқтисодӣ доштани соҳибкорӣ махсусан таъкид карда шудааст.

Профессори шодравон Ҳабибов С.Ҳ. ва муҳаққиқи соҳаи иқтисод Эшов Д. дастгирии соҳибкории хурдро самти калидии дастгирии давлатӣ дониста, схема-модели низоми кредитиеро пешниҳод намудаанд, ки он барои фаъолияти соҳибкорон мусоид мебошад [13].

Ба назари мо «Соҳибкорӣ ин фаъолияти мустақилонаи инноват- сионии махсусест, ки зимни иҷрои кору хизматрасониҳои дар қонунгузорӣ иҷозатдодашуда, бо таваккали худӣ, ба назардошти таҷрибаи пешқадами гузашта, муносибати оқилонаи ҳозира, пешрафти илму техникаю сатҳи идоракунии муосир ва пешбинии натиҷанокии корҳо барои оянда, бо таҳлилу арзёбии самаранокии тамоми омилҳои истеҳсолии дахлдор, бо мақсади гирифтани даромади (фоидаи) муносиб сурат мегирад».

Фаъолияти инноватсионӣ ва илмию техникӣ бештар ба соҳибкории истеҳсолӣ мансуб аст ва он аксар вақт барои тавлидоти молу хизматрасониҳо равона карда мешавад. Қабл аз ҳама, соҳибкор бозори истеъмолиро мушоҳида ва таҳлил намуда, ба хулосае меояд, ки мардум ба кадом молҳо бештар ниёзу эҳтиёҷ доранд ва талаботу салиқаи интихоби онҳо дар кадом сатҳу дараҷа мебошад. Дар баробари ин, соҳибкор имкониятҳои худ, робитаҳояш бо шарикон ва дигар шароити мусоиди иқтисодию иҷтимоӣ ва ҳуқуқиро оқилона арзёбӣ намуда, барои таҳия ва иҷрои лоиҳаи сармоягузорӣ тадриҷан корҳои пешакӣ ва муқаддамотиро оғоз мекунад. Бо шарикон шартнома мебандад, дар заминаи он вазифаҳои мушаххас ва уҳдадориҳои базиммагирифтаи тарафайн муайян карда мешаванд ва дар натиҷа ҳамкориҳо дар самти банақшагирифташуда дар сатҳи баланди касбӣ идома пайдо менамоянд.

Ҳоло мепардозем ба баррасии **натиҷаҳо.** Чӣ тавре ки аз рақамҳои ҷадвали 1 бармеояд, дар соли 2022 дар ҷумҳурӣ 654791 нафар соҳибкорон тибқи патент ва шаҳодатнома фаъолият менамоянд. Теъдоди соҳибкорони вилояти Суғд аз ҳама бештар, яъне 229765 нафарро ташкил медиҳад. Аз руйи ин нишондиҳанда шумораи сохибкорони вилояти Хатлон низ зиёд мебошад (176614 нафар). Дар зинахои мнбаъда ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, шаҳри Душанбе ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон қарор гирифтаанд.

Мутобиқи маълумоти оморӣ шумораи соҳибкорон дар соли 2022 назар назар ба соли 2015 8853 нафар ё ки 5,4 маротиба зиёд шудааст [10]. Мутаносибан, ҳолати молиявии соҳибкорон дар давраи зикршуда дар ҳаҷми 8,7 млрд. сомонӣ зиёд шуда, 4,9 маротиба афзудааст.

Таҳлили шумораи соҳибкорони соҳаҳо нишон медиҳад, ки аз ҳама бештар сохибкорон дар соҳаи саноат фаъолият менамоянд (3469 нафар). Худи ҳамин сол шумораи соҳибкорони сохаи кишоварзӣ ҳамагӣ 1394 нафарро ташкил дод, ки нишондиҳандаи паст ба ҳисоб меравад. Дар соҳа соҳибкорон дар ҳаҷми 1,2 млн. сомонӣ маҳсулот баровардаанд, ки ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ нест.

Ҷадвали 1.

Шумораи соҳибкорони тибқи патент ва шаҳодатнома бақайдгирифта- шуда дар соли 2022

	Ҳамаи намудҳои соҳибкории инфиродӣ			
	Шаҳодатнома	**Хоҷагии деҳқонӣ**	**Патент**	**Ҳамагӣ**
Ҷумҳурии Тоҷикистон	**91045**	**186286**	**377640**	**654791**
ВМКБ	2158	2267	9384	13809
Вилояти Хатлон	15276	74423	86915	176614
Вилояти Сугд	23262	70700	153803	229765
ш. Душанбе	10381	697	23737	34815
НТҶ	11516	3705	48945	64166

*Манбаъ: htpp//elibrary.ru

Агар аз рӯйи теъдоди соҳибкорони инфиродӣ нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистонро муқоиса намоем, маълум мегардад, ки дар кишвари ҳамсоя теъдоди соҳибкорон зиёдтар буда, 430 ҳазор нафарро ташкил менамояд [14.] Кам будани теъдоди корофарон дар Тоҷикистон моро водор месозад, ки барои ба фаъолияти соҳибкорӣ бештар ҷалб намудани шаҳрвандон як қатор чорабиниҳоро анҷом диҳем.

Ба ақидаи узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Раҳимзода М.З. бо мақсади муайян кардани номуайянӣ ва ихтилоф дар танзими ҳуқуқӣ зарурати таҳия ва қабули Кодекси соҳибкорӣ ба вуҷуд омадааст [12. 222-234]. Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ профессор Исмоилов Ш.М. низ усулҳои татбиқи маблағгузорӣ, фаъолият, самтҳо ва шартҳои сармоягузорӣ, инчунин баҳисобгирии ҳар як давраи вақти омилҳои берунӣ ва дохилиро, ки ба раванд таъсир мерасонанд, таъкид намудааст [4. 222-234].

Муҳокима. Дар натиҷаи баррасии масъалаҳо таъсири танзими масоили ҳуқуқӣ, пешрафти илму техникаи муосир, инчунин маркетинги фаъолияти субъектҳои хоҷагидор муаайян карда шуданд, ки ҳоло ҳам ҳаллӣ бисёр масъалаҳо заруранд. Кабл аз ҳама, дар ҷараёни такмили санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ бояд пешниҳоди мутахассисон ба назар гирифта шавад. Ба таври мушаххас дар бораи такмили механизмҳои ҳуқуқии таъсиррасонӣ ва танзимнамоӣ, истифодаи технологияҳои ҳозиразамон, мулоҳизаҳои ироа гардиданд.

Зимни суханронӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 21 декабри соли 2021 ироанамудаашон ба рушди соҳибкорӣ дар мамлакат таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуданд. Сарвари давлат чунин ҳидоят фармуданд: «Зарур аст, ки ҷиҳати зиёд намудани қарзҳои имтиёзноки дарозмуҳлат, хусусан барои соҳибкории истеҳсолӣ, пешниҳоди хизматрасониҳои босифат бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва гузариши пурра ба ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, инчунин ҳарчи бештар ҷалб кардани сармояи дохиливу хориҷӣ ба низоми бонкӣ тадбирҳои қатъӣ андешида шаванд» [1].

Зарур аст, ки тамоюлоти рушди соҳибкорӣ дар ҷаҳони муосир дар маркази диққати муҳаққиқон қарор бигирад. Дар шароити ҳозира махсусан истифодаи самарабахши захираҳои табиӣ, истеҳсоли маҳсулоти дорои занҷираи арзиши изофаи зиёд ва рақобатпазир, ташкили кластерҳо, тавсеаи бозорҳои фуруши молҳои ватанӣ ҳамчун қисми таркибии вазифаҳои стратеги аҳамияти муҳим пайдо кардаанд.

Хулоса. Барои беҳтар намудани ҳолати соҳибкорӣ ташаккули инфрасохтори зарурӣ, таҳлили илмии маркетингӣ, дар сатҳи баланд ба роҳ мондани монетизатсияи иқтисодиёт, таҳкими шарикии давлату бахши хусусӣ зарур мебошад. Илова ба ин, дар шароити ҳозира такмили маҷмӯаҳои омор ба вазифаи муҳим табдил ёфтааст. Ҳарчанд дар ин самт корҳои муайян анҷом дода шуда, маҷмуаи наве

таҳти унвони “Оид ба вазъи соҳибкорӣ дар соли 2022” чоп шуда бошад ҳам, вале ҳануз он дар сатҳи стандартӣ нест: дар маҷмуа ҳамагӣ чанд нишондиҳандаи ангуштшуморро, аз қабили фурӯши молҳо, маҳсулот, хизматрасонӣ, корҳо, аз соҳаҳои алоҳида дар сатҳи ҷумҳурӣ ва маҳалҳо фаро гирифтаасту халос. Хуб мешуд, дар маълумоти пешниҳодшаванда таҷрибаи мақомоти омори Белорусия, аз ҷумла тартиби пешниҳоди мавод дар бораи “Вазни қиёсии субъектҳои хурду миёна дар нишондиандаҳои асосии рушди Ҷумҳурии Беларус”, “Нишондиандаҳои асосии иқтисодии фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи Ҷумҳурии Беларус”, Инфографикаи соҳибкориҳои хурду миёна дар ҷумҳурӣ” (факту рақамҳо) ҳамчун намуна истифода бурда шаванд [15]. Сониян, мақомоти омори Белорус маълумоти электрониро ба таври оперативӣ ба нашр омода менамоянд, ки ин кори мутахассисону муҳаққиқонро хеле осон мегардонад. Дар Тоҷикистон бошад, маҷмӯаҳои электронии оморӣ хеле дер чоп мешаванд.

Дар раванди иҷро гардидани супоришҳои Сарвари давлат татбиқи чорабиниҳои саноатигардонии босуръати мамлакат, дар сатҳи ҷаҳонӣ ташкил намудани соҳибкорӣ, зиёд намудани маҳсулоти воридотиваз- кунанда ва ба содирот нигаронидашуда самтҳои афзалиятдошта рушди иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб мераванд.

Адабиёт

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 21 декубри соли 2021.
2. Аскилдсен Я.И Адам Смит и «невидимая рука»// рыночная теория и методы в социальных науках. 2004. – 147-163.
3. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. – Душанбе, Нашриёти муосир. 2020. – С. – 66-67.
4. Исмоилов Ш.М. Актуальные проблемы обеспечения устойчивого развития предпринимательства в Таджикистане: факторы, тенденции и инвестиции. Коллективная монография, Душанбе, 2024. – С- 222-234.
5. Исследование о природе и причинах богатства народов,1776.URL: http://www.gumer.info/bibliotek_Buks/Econom/smit/smit_1.pdf. p. 65-77
6. Комилов С.Дж., Файзуллоев М.К. Основы развития инновационой деятельности предприятий/ С.Дж. Комилов, М.К. Файзуллоев. – Душанбе: Ирфон, 2004. – 175 с.
7. Кантильон Р. Очерк об общей природе торговли, 1776, URL. https: eduhearld.ru/pdf/2016/215405,pdfp.13-27.
8. Низамова Т.Д. Роль кластеризации в развитии промышленности Таджикистана// Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2016. - № 211 (220). - С. 86-93.
9. Ожегов С.И. Словарь русского языка. Москва, Русский язык, 1986. - С. 502.
10. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
11. Основы предпринимательства: учебное пособие/В.И. Брунова. [и др.]; под ред. В.И. Бруновой СПбГАСУ., 2010. - С. 3.
12. Раҳимзода М.З. Нақши Конститутсия дар ташаккул ва рушди қонунгузории соҳибкорӣ. Монографияи коллективӣ. Душанбе, 2024. - С. - 299-312.
13. Хабибов С.Х., Эшов Д.К. Малое предпринимательство (вопросы становления, кредитно-финансовой поддержки и развития), Душанбе, Ирфон, 2006. С. 126
14. https://ru.wikipedia.org/wiki/%D0%AD% 87
15. https://www.belstat.gov.by/ofitsialnaya-statistika/makroekonomika-i-okruzhayushchaya-sreda/statistika-predprinimatelstva/statisticheskie-izdaniya_/
16. https://s.eduherald.ru/pdf/2016/2/15405.pdf
17. http://lib.ysu.am/open_books/416714.pdf

УДК 330.34

АДАПТИВНЫЕ МЕХАНИЗМЫ УПРАВЛЕНИЯ ПРОЕКТАМИ В КОНТЕКСТЕ РАСШИРЕНИЯ ПРОЦЕССОВ ЦИФРОВИЗАЦИИ

Сейдакбаров Достияр Даулетиярович
соискатель Института экономики и демографии
Национальной академии наук Таджикистана
E-mail: SDD86@mail.ru

Аннотация: В статье исследуется влияние цифровой трансформации и технологий искусственного интеллекта (ИИ) на современные системы управления проектами. Автор анализирует переход от традиционных «жестких» моделей к гибким и гибридным подходам, обосновывая необходимость развития цифровой грамотности и этической оценки ИИ. В работе доказано, что интеграция цифровых платформ и сетевых решений позволяет минимизировать риски, оптимизировать распределение ресурсов и повысить конкурентоспособность предприятий в условиях высокой турбулентности среды. Особое внимание уделяется балансу между техническими навыками и поведенческими компетенциями персонала.

Ключевые слова: управление проектами, цифровая трансформация, искусственный интеллект, гибкие методологии, промышленность, адаптивное управление, человеческий капитал, цифровизация.

МЕХАНИЗМҲОИ МУТОБИҚШАВИИ ИДОРАКУНИИ ЛОИҲАҲО ДАР ПАСМАНЗАРИ ТАВСЕАИ РАВАНДҲОИ РАҚАМИКУНОНӢ

Сейдакбаров Достияр Даулетиярович
Унвончӯйи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
E-mail: SDD86@mail.ru

Анотатсия: Дар мақола таъсири таҳаввулоти рақамӣ ва технологияҳои зеҳни сунъӣ (ЗС) ба системаҳои муосири идоракунии лоиҳаҳо мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Муаллиф гузариш аз моделҳои анъанавии «сахт»-ро ба равишҳои чандир ва гибридӣ таҳлил намуда, зарурати рушди саводи рақамӣ ва арзёбии ахлоқии зеҳни сунъиро таъкид намудааст. Дар кор исбот шудааст, ки ҳамгироии платформаҳои рақамӣ ва қарорҳои шабакавӣ имкон медиҳад, ки хавфҳо кам карда шуда, тақсимоти захираҳо оқилона ва рақобатпазирии корхонаҳо дар шароити номуайянии муҳит баланд бардошта шавад. Таваҷҷуҳи махсус ба тавозуни байни малакаҳои техникӣ ва салоҳиятҳои рафтории кормандон зоҳир шудааст.

Вожаҳои калидӣ: идоракунии лоиҳаҳо, таҳаввулоти рақамӣ, зеҳни сунъӣ, методологияҳои чандир, саноат, идоракунии мутобиқшаванда, сармояи инсонӣ, рақамикунонӣ.

ADAPTIVE PROJECT MANAGEMENT MECHANISMS IN THE CONTEXT OF EXPANDING DIGITALIZATION PROCESSES

Seydakbarov Dostiyar Dauletiyarovich
PhD Candidate, Institute of Economics and Demography, National Academy of Sciences of Tajikistan
E-mail: SDD86@mail.ru

Abstract: The article examines the impact of digital transformation and artificial intelligence (AI) technologies on modern project management systems. The author analyzes the transition from traditional "rigid" models to agile and hybrid approaches, justifying the need for digital literacy and ethical assessment of AI. The study proves that the integration of digital platforms and network solutions allows for risk minimization, resource allocation optimization, and increased enterprise competitiveness in a highly turbulent environment. Particular attention is paid to the balance between technical skills and behavioral competencies of personnel.

Keywords: project management, digital transformation, artificial intelligence, agile methodologies, industry, adaptive management, human capital, digitalization.

Введение. Современные тенденции характеризуются несомненным развитием и ростом преимущества цифровых технологий во всех сферах социально-экономической деятельности. Как показывает практика цифровая трансформация позволяет эффективно планировать и управлять не

только проектами, но и отраслью в целом. Например, на промышленных предприятиях при обнаружении дефекта продукции, попавшего к потребителю, предприятие посредством цифровых платформ получает информацию мгновенно. В данном случае цифровые платформы выступают основой для управления промышленных или проектных целей.

Тенденции последних лет показывают, что развитие промышленности связано с бурным развитием новых технологий. Цифровизация, автоматизации и интернет-технологии не сегодняшний день позволяют хранить большие объемы данных и преобразовывать их полезные элементы для планирования. Цифровые технологии сбора информации, которые используются в качестве базового входного параметра при планировании проекта, также широко применяются в процессе реализации проекта. Эти технологии позволяют использовать информацию для повышения конкурентоспособности отрасли и разработки стратегии развития предприятий.

Методология. Методологическую базу исследования составили фундаментальные положения современной теории управления проектами, концепции цифровой экономики и индустрии 4.0. В работе использован комплексный подход, сочетающий в себе следующие методы сравнительного анализа, системного подхода, контент-анализ и синтез и аналитическое моделирование.

Результаты. В процессе разработки и управления проектами цифровые технологии представляют собой более удобный и быстрый инструмент сбора данных и хранения информации. Доступ к внешним данным, получение быстрой и точной информации также позволяет принимать обоснованные решения, что способствует повышению конкурентоспособности и росту устойчивости предприятия [2]. Из этого следует, что решающий момент в разработке качественного проекта наступает на этапе планирования, а предприятия, которые инвестируют свой интеллектуальный и финансовый капитал, обладают большей способностью реализовать свой проект наиболее оптимальным образом и с высокой степенью успеха.

Адаптивные механизмы управления проектами в условиях цифровой трансформации требуют разработки четкого плана, видение ключевых моментов и препятствий, а также подготовки соответствующих кадров. Это обусловлено тем, что на рынке наблюдается растущий спрос на специалистов, чьи квалификации соответствуют современным потребностям. Требования рынка труда в этих условиях связано с самостоятельностью, принятием решений на основе данных и гибких методологий, а также межличностными общениями и взаимодействием с командой. Особенно актуально обеспечение баланса между техническими навыками и поведенческими компетенциями.

По мнению Лубянской Э.Б. стратегическое управление проектами в условиях развития цифровой экономики «требует учета базовых принципов выбора стратегии, среди которых адаптивность к внешней среде, учет инвестиционных рисков и постоянное использование результатов научно-технического прогресса. В данном контексте модели управления можно разделить на стратегический (определение направлений и целей), оперативный (координация ресурсов и портфелей проектов) и тактический (реализация конкретных планов и пилотных проектов). это связано с тем, что развитие цифровой экономики радикально меняет внутреннюю и внешнюю среду промышленных предприятий, требуя пересмотра подходов к управлению проектами. Исходя из того, для эффективного развития в условиях цифровой экономики необходимо внедрение проектного подхода, создание гибких структур, ресурсная синергия, а также развитие компетенций» [8].

Как показывает практика при расширении использования технологий человеческие отношения имеют решающее значение для успеха проекта. На сегодняшний день коммуникативные навыки приобретают первостепенное значение, так как специалистам, работающим над проектами и ее управлением, придется взаимодействовать с различными аудиториями, такими как руководство, другие отделы и поставщики.

Для управления проектами необходимо обладать навыками для работы в проектной команде. Передовая мировая практика показывает, что необходимо постоянно повышать квалификацию и быстрее углубить свои знания, поскольку появление и широкое распространение технологий и инструментов искусственного интеллекта трансформирует систему управление проектами. Практика показывает, что искусственный интеллект интегрируется в рабочие процессы и становится центральным компонентом управления проектами в различных секторах экономики.

Проведенное нами исследование показало, что искусственный интеллект уже полностью интегрирован в повседневные рабочие процессы, а области применения разнообразны и включают прогнозирование результатов, поддержку принятия решений, автоматизацию административных

задач и улучшение управления рисками. Технология искусственного интеллекта также используется для создания отчетов, распределения ресурсов и проведения соответствующих исследований.

Авторы на основе детального анализа концепций и механизмов управления в условиях перехода к цифровой экономике доказали «необходимость перехода от традиционных моделей управления к сетевым и платформенным решениям. По мнению авторов, необратимость цифровой трансформации связана с тем, что цифровая экономика является фундаментом для создания качественно новых моделей бизнеса и управления. Для этого необходимо государственная поддержка, т.е. активное стимулирование высокотехнологичного бизнеса и создание благоприятного инвестиционного климата для цифровых стартапов. Важно также развитие кадрового потенциала, международная интеграция и инфраструктурное развитие» [7].

На практике крупнейших промышленных корпораций ИИ перестал быть просто инструментом повышения производительности, а стал стратегическим инструментом в реализации проектов. На сегодняшний день согласно статистике наиболее продвинутым является сектор строительство, за которым следуют машиностроение, финансовые услуги и технологии. В контексте данной тенденции наиболее важным навыкам будущего относятся цифровая грамотность в работе с данными, принятие решений на основе ИИ, лидерство в гибридных средах и этическая оценка.

В условиях широкого применения ИИ в управлении проектами на первый план выходят этические вопросы, связанные с прозрачностью, подотчетностью и надежностью результатов, получаемых с помощью ИИ. Как показывает анализ, расширение использования технологий ИИ в том числе в промышленном секторе, позволило руководителям и остальной части команды получать доступ к информации в гораздо более короткие сроки. В условиях, когда предприятия независимо от отрасли, реализуют различные проекты, для обеспечения их бесперебойной работы крайне важно эффективное управление проектами. В контексте расширения цифровизации методологии управления проектами различаются, поэтому важно выбрать подходящую в зависимости от потребностей организации и направления деятельности.

Мезина Т.В., Гусева М.Н., Зозуля А.В., Зозуля П.В. исследуя адаптацию глобальных стандартов управления проектами к условиям высокой турбулентности цифровой среды обосновали, что переход к цифровой экономике характеризуется ростом сложности, неопределенности и скорости изменений, что делает традиционные «жесткие» методы управления менее эффективными. Трансформация стандартов управления, пересмотр роли проектного менеджера и интеграция стратегии и проектов становятся основным инструментом реализации миссии и стратегии организации [10].

На основе сравнительного анализа методологии авторами разработана модель компетенций, необходимых для управления проектами в условиях цифровизации [4]. В данном контексте системный подход к турбулентности требует смены парадигмы управление проектами. Для этого в условиях цифровой экономики стандарты должны быть гибкими (flexible), позволяя менеджерам адаптировать процессы под конкретный контекст проекта. Для успешного совершенствования практики управления проектами, на наш взгляд, необходимо внедрение гибких и гибридных моделей, фокус на человеческий капитал, цифровизация проектного офиса и постоянный бенчмаркинг.

Обусждение. На сегодняшний день переход от традиционных методов управления к использованию технологически продвинутых инструментов означает не только смену инструментов, но и изменение подходов к работе, коммуникации и решению проблем в проектах. Необходимо обратить внимание на то, что цифровая эпоха и технологический прогресс приносят много преимуществ, но также и новые риски, которые нельзя игнорировать. Таким образом, эффективное управление проектами особенно важно в таких отраслях, как производство, ИТ, аутсорсинг, банковское дело, страхование, производство и консалтинг, где управление проектами помогает создавать стратегическую цепочку создания ценности [10; 12; 13].

На наш взгляд, независимо от отрасли, понимание основ управления проектами и внедрение нескольких базовых инструментов и методов всегда приносит много пользы как для организации, так и для команды. Это связано с тем, что цифровая трансформация меняет глобальную экономику и общество, влияя на функционирование бизнеса и взаимодействие людей в цифровом мире. В этой ситуации роль цифровых технологий в стимулировании экономического роста, повышении конкурентоспособности и поддержке социальной интеграции повышается [1]. На передний план выходят такие технологии, как искусственный интеллект, блокчейн и Интернет вещей (IoT), которые являются ключевыми факторами в создании инновационных бизнес-моделей, улучшении операционной деятельности и повышении качества упарвления проектами.

Заключение. Таким образом, применение цифровых технологий в управлении проектами позволяет повысит эффективность и производительность труда и систем. На сегодняшний день цифровые инструменты управления проектами позволяют автоматизировать многие ручные и повторяющиеся задачи, такие как ввод данных, выставление счетов и управление запасами. Все это позволяет сосредоточится на таких важных задачах, как обслуживание клиентов, развитие инновации и реинжиниринг бизнеса. Например, цифровые инструменты в процессе управления проектами могут быть использованы для автоматизации процесса обработки информации, получения и отправки ресурсов. Это позволяет сэкономит время и уменьшает количество ошибок при разработке и управлении проектами.

Цифровая трансформация системы управления проектами помогает предприятиям более эффективно и результативно сотрудничать, так как цифровые инструменты могут облегчить общение, командную работу и обмен знаниями в области управления проектами независимо от местоположения членов команды. Еще одно преимущество цифровой трансформации при развитии системы управления проектами - это улучшение системы обслуживания клиентов.

Как показывает опыт цифровая трансформация может предоставить предприятиям мощные возможности анализа данных, которые помогут им принимать более обоснованные решения на основе данных и опережать конкурентов, минимизируя неопределенность при принятии решений и опираясь на реальные данные. Собирая и анализируя данные о своей деятельности, клиентах и рынках, предприятия могут получить ценные сведения о тенденциях, закономерностях и возможностях, которые невозможно обнаружить самостоятельно.

Цифровая трансформация может помочь предприятиям снизить затраты, так как автоматизируя ручные задачи, сокращая количество бумажных процессов и оптимизируя рабочие процессы, они могут сэкономить время и уменьшить количество ошибок, что может привести к экономии средств и повышению эффективности.

Цифровые инструменты коммуникации и совместной работы позволяют предприятиям работать удаленно и сокращать накладные расходы, сократить потребность в физических офисных помещениях, командировках и личных встречах, а также сэкономить на маркетинговых и рекламных расходах. Используя цифровые каналы, такие как социальные сети, email-маркетинг и цифровая реклама, предприятия могут более эффективно охватывать целевую аудиторию.

Литература:

1. Воробьев, С. В. Эффективное управление проектами в условиях цифровой экономики / С. В. Воробьев // Молодежь и XXI век - 2022 : Материалы 12-й Международной молодежной научной конференции. В 4-х томах, Курск, 17–18 февраля 2022 года / Отв. редактор М.С. Разумов. Том 1. – Курск: Юго-Западный государственный университет, 2022. – С. 92-96. – EDN FFUDZG.

2. Горличенко, А. О. Управление инновационными проектами в условиях цифровой экономики / А. О. Горличенко // Управление инновационными и инвестиционными процессами и изменениями в условиях цифровой экономики : сборник научных трудов по итогам IV международной научно-практической конференции, Санкт-Петербург, 28–29 октября 2021 года. – Санкт-Петербург: Санкт-Петербургский государственный экономический университет, 2021. – С. 426-431. – EDN JQDQYF.

3. Ершова, Н. А. Стратегическое ценностно-ориентированное управление на основе проектов в условиях цифровой трансформации экономики" / Н. А. Ершова, К. Д. Ершова // Трансформация национальной социально-экономической системы России : Материалы II Международной научно-практической конференции, Москва, 22 ноября 2019 года. – Москва: Российский государственный университет правосудия, 2020. – С. 201-212. – EDN NCTRSZ.

4. Иванов, Д. В. Применение искусственного интеллекта в управлении карьерой молодых руководителей проектов в условиях цифровой экономики / Д. В. Иванов, О. В. Колосова, С. Н. Павлова // Наука и инновационные разработки - Северу : Сборник материалов III Международной научно-практической конференции, посвященной 30-летию Политехнического института (филиала) ФГАОУ ВО "Северо-Восточный федеральный университет имени М.К. Аммосова" в г. Мирном и памяти профессора кафедры английской филологии Гольдман Альбины Абрамовны, Москва, 08–09 апреля 2024 года. – Москва: ООО "Издательство "Спутник+", 2024. – С. 363-367. – EDN LHGNHT.

5. Исмаилова, А. Р. Современные подходы к управлению ИТ-проектами и стартапами в условиях цифровой экономики / А. Р. Исмаилова, Р. Р. Магомедова // Экономика и управление: проблемы, решения. – 2025. – Т. 9, № 5(158). – С. 115-123. – DOI 10.36871/ek.up.p.r.2025.05.09.014. – EDN KTJBHV.

6. Ковшова, М. В. Управление инновационными проектами в условиях цифровой экономики / М. В. Ковшова // Искусственный и естественный интеллект: алгоритмы, мышление и образовательные технологии : Материалы XXI международного конгресса с элементами научной школы для молодых ученых, Москва, 27–28 марта 2025 года. – Москва: Московский университет им. С.Ю. Витте, 2025. – С. 1519-1526. – EDN USJYCO.

7. Лубянская, Э. Б. Особенности системы стратегического управления инновационными проектами в условиях цифровой экономики / Э. Б. Лубянская, Ю. П. Анисимов // Организатор производства. – 2019. – Т. 27, № 2. – С. 81-93. – DOI 10.25987/VSTU.2019.68.57.008. – EDN TIYDCL.

8. Лубянская, Э. Б. Стратегическое управление инновационными проектами в условиях развития цифровой экономики / Э. Б. Лубянская // Актуальные вопросы экономики и управления на современном этапе развития общества : сборник докладов по итогам V Международной научно-практической интернет-конференции, Тула, 22 мая 2019 года. – Тула: Автономная некоммерческая организация высшего образования Институт законоведения и управления ВПА, 2019. – С. 233-238. – EDN THGCDW.

10. Совершенствование стандартов управления проектами в условиях цифровой экономики / Т. В. Мезина, М. Н. Гусева, А. В. Зозуля, П. В. Зозуля // Информационно-экономические аспекты стандартизации и технического регулирования. – 2021. – № 4(62). – С. 9-17. – EDN YENSCF.

11. Суханова, И. Ф. Управление проектами в условиях цифровой трансформации экономики / И. Ф. Суханова, А. С. Денисов // Аграрная наука и образование: проблемы и перспективы : Сборник статей Национальной научно-практической конференции, Саратов, 28 марта – 01 2022 года / Под редакцией Е.Б. Дудниковой. – Саратов: ООО "Центр социальных агроинноваций СГАУ", 2022. – С. 370-374. – EDN IEVHQT.

12. Чижова, Д. Н. Особенности проектного управления в условиях цифровой экономики / Д. Н. Чижова // Социально-экономическое управление: теория и практика. – 2020. – № 4(43). – С. 49-53. – EDN FSDDCW.

13. Шувалова, Н. А. Особенности применения гибких методологий управления проектами в период цифровой трансформации экономики / Н. А. Шувалова, П. Ю. Михайлов // Вестник ГГУ. – 2024. – № 5. – С. 496-505. – EDN JRLFFD.